# ТАҚРИЗ

**ба автореферат ва диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод мегардад.**

Ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар ҳар ду забон ҳам як ҷузъи таркибии ҷумлаи мураккаби тобеъ аст, ки барои тафсил ва муайян намудани хабари сарҷумла нақши созгор дорад. Ҷумлаи пайрав ба сарҷумла тавассути пайвандакҳои тобеъкунанда ва пайвасткунанда ба кор бурда мешавад. Воситаҳои грамматикӣ тобеъ шуда, хусусияти вай танҳо дар алоқамандӣ ва ягонагии он бо сарҷумла муайян мегардад. Ҷумлаҳои пайрави забони тоҷикӣ аз рӯи маънидоди сарҷумла ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: Ҷумлаҳои пайрави эзоҳдиҳандаи аъзоҳои ҷудогонаи сарҷумла ва ҷумлаҳои пайраве, ки бо маънои умумии сарҷумла алоқаманд аст.

Ҷумлаи тобеъ ба вазифаи пур кардани хабари сарҷумла омада метавонад. Чунин ҷумлаи тобеъ ба воситаи пайвандаки ки – that ба сарҷумла вобаста мешавад.

Дар китобҳои дарсии минбаъдаи грамматикаи забони тоҷикӣ барои мактабҳои миёна ҳамин таърифу таҳлил бо тарзҳои гуногун такрор ёфтааст. Ҷумлаи пайрави пуркунанда мазмуни амали сарҷумларо пурра ва эзоҳ намуда, ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки «ки» тобеъ мегардад.

Диссертатсияе, ки муҳаққиқ ба риштаи таҳқиқ кашидааст, хело мубрам ва умда буда, як саҳифаи ҷадидеро дар таҳқиқу пажуҳиши ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ боз намудааст, ки таҳқиқот дар шакли рисолаи илмӣ нахустаҳқиқ мебошад.

Диссертатсияи мавриди назар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» буда, аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии илмии

таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, коркарди мавзуъ, методҳои таҳқиқот, маводи асосии таҳқиқот маълумот дарҷ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия - **«Асосҳои назариявии таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, аз чор фасл иборат аст, ки муҳаққиқ ба таҳқиқу омӯзиши масъалаи назариявии мавзуъ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, пеш аз ҳама фикру ақоиди забоншиносон ва андешаҳои худро оид ба ҷумлаи пайрави пуркунанда баён намуда, сипас, масоили фавқро дар забонҳои муқоисашаванда тасниф ва гурӯҳбандӣ намудааст. Сабку усули таҳлил, тартиби баёни андешаву ақоиди мухаққиқ қобили таваҷҷуҳ буда, дар вақти таҳқиқоти мавзуи диссертатсия аён гардид, ки таҳқиқи назариявии масоили фавқ комилан ҳалли ҳаматарафаи худро ёфтаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия - **«Хусусиятҳои типологии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, аз чор фасл иборат мебошад, ки муҳаққиқ дар ин боби диссертатсия бештар таваҷҷуҳи худро  перомуни таҳлили сохторӣ-маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои матраҳшаванда равона сохтааст. Инчунин, дар ин қисмати диссертатсия мавқеъ ва ҷойгоҳи воситаҳои алоқаи наҳвӣ ва алоқамандии он бо ҷумлаи пайрави пуркунанда хело ба маврид аз ҷониби муаллиф таҳқиқ гардидааст. Яке аз мубрамияти мавзуи фавқ дар он зуҳур меёбад, ки муҳаққиқ дар вақти таҳлилу таҳқиқи мисолҳо муодили англисии онҳоро пайдо намуда, номувофиқати ва фарқияти ҷумлаҳоро ошкор сохтааст. Гузашта аз ин, дар ин боби диссертатсия мавқеи калимаҳои ҳамнисбат ва робитаи ҷонишинҳои ишоратиро бо ҷумлаи пайрави пуркунанда ба риштаи таҳқиқ ва муқоиса қарор додааст, ки шоёни таъриф буда, муаллиф дар ин ҷода рисолати хуберо анҷом додааст.

Диссертатсия гарчанде ки арзиши баланди илмӣ дошта бошад ҳам, дар он баъзе камбудиву норасоиҳо ҷой доранд, ба амсоли:

1. Муҳаққиқ гарчанде ки ҳангоми пажуҳиши вижагиҳои типологии ҷумлаи пайрави пуркунанда зиёдтар ба воситаҳои грамматикии ин намуди ҷумла диққати хосса дода бошад низ, таҳлили мавқеи мувофиқати феълҳои таркибӣ ҳамчун воситаи грамматикӣ дар сохтани баъзе ҷумлаи пайрави пуркунанда аз назари муаллиф дур модааст.
2. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзан иштибоҳоти имлоӣ, техникӣ ва китобат ҷой доранд (с. 6, 9, 14, 42 ва ғ.).

Маврид ба зикр аст, ки эродҳои зикршуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонда, арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба мухтавои диссертатсия мутобиқ буда, гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муаллифи диссертатсияро комилан бозгӯ менамоянд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои филологӣ,
профессор, мудири кафедраи
забонҳои хориҷии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон

Саидзода Ҳалим
Азиз

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
тел: +992935552254.
E-mail: saidovhalim@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.amit.tj

Имзои Саидзода Ҳалим Азизро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Раёсати Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон

Акрамзода Толиб

«13» феврал 2025